# АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Бо Фармоиши Директори Агенти омори
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 28.04.2010.№12 тасдиқ карда шудааст

ДАСТУРАМАЛ
оид ба тартиб додани щисоботи оморӣ дар бораи фаъолияти биржа, хонаи савдо
(шакли №1-биржа)

Корхонаҳо ҳамчун шахси ҳуқуқӣ дар ташаккули бозори фурӯши яклухти мол, ашёи хом, маҳсулот, қоғазҳои қиматнок, асъор ва ғайра бо роҳи ташкил ва танзими савдои биржавӣ дар шакли савдои кушоду умумӣ, ки аз рӯи қоидаҳои муқарарнамудаи биржа гузаронида мешаванд, ширкат меварзад, ва маҳфуми биржаро ифода мекунад. Ҳамин тавр, самти асосии фаъолияти биржа ин ташкил намудани бозори яклухтфӯрушӣ мебошад, ки ба соҳибкорон имконияти ба ин бозор ворид шуданро муҳаё мекунад, ташкилотҳои давлатӣ, кооперативӣ, миёнарав ва дигар ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ҳамчунин дигар шахсони воқеӣ алоҳида муасисони биржа шуда метавонанд. Аз ин рӯ, аъзоёни биржа ашхоси ҳуқуқӣ ва воқеӣ мебошанд, ба талаботи оиномаи биржа ҷавобгаранд ва ҳақи узвиятро мепардозанд.

Аъзоёни биржа дар идораи фаъолияти биржа, дар амали гардонидани ималиёти савдо ва истифодаи хизмати биржа ҳуқуқ доранд.

Нишондиҳандаҳои асосие, ки натиҷаҳои фаъолияти равиёни биржаро тавсиф мекунанд, -инҳоянд: гардиши биржа, миқдори савдои амалишуда ва миқдори қарордодҳои хариду фурӯш.

Гардиши биржа ҳаҷми арзиши қарордодҳоро, ки дар як давраи муайяни вақту замон ба амал бароварда шудааст, ифода мекунад; нархҳои лаҳзаи имзои қарордодҳо ҳамчун арзиши ҳаҷм муайян карда мешаванд. Биржаҳои фаъол, назар аз шакли моликият (хусусӣ, омехта, муштарак ва ғайра) ва шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқи (ҷамъиятҳои саҳомии шакли кушода ва пӯшида, иттиҳодияҳои биржавии ассосиатсияҳо ва ғайра) тахти мушоҳидаҳои омори қарор мегиранд. Ҳисобот дар бораи фаъолияти биржаҳо ва хонаҳои савдо дар як сол ду маротиба барои нимсолаи якум ва умуман барои як сол бо ҷамъбасти афзоянда дар ду нусха тартиб дода мешавад, ки яке аз онҳо дар санаи 5 баъди давраи ҳисобот ба суроғаи МКҲ-и Агентии омор (734025,ш. Душанбе, кӯчаи Бохтар -17) фиристода мешавад.Ҳангоми пур кардани ҳуҷҷатҳои қонунӣ варақаҳои шакл тағйир додани воҳидҳои ченак манъ аст. Дар қисми суроға бояд ном ва суроғаи пӯрраи қабулкунандаи ҳисобот, номи пурраи биржа (хонаи савдо), суроғаи пурраи пуштавии он ва рақами телефон нишон дода шавад. Ҳисобот аз 2 фасл иборат аст.

Нишондиҳандаҳои фасли 1 барои гирифтани маълумоти умумӣ дар бораи биржа имконият медиҳанд:шумораи рӯйхатии кормандони биржа (сатри 011) ва ғайра аз ҳайати асоси-шумораи дуҷоякорон (сатри 012); шумораи идораҳои (фирмаҳои) брокерӣ,чи дар ҳудуди ҷумҳурӣ, чи дар ҳудуди давлатҳои дигар ҷой дошта (сатри 013); ҳаҷми сармояи оинномавӣ (сатри 134) ва мавҷудияти маблағҳои асъории биржа (сатри 135). Ҳамаи ин маълумотҳо то охири ҳисобот оварда мешаванд. Арзиши миёнаи якҷои брокерӣ (сатри 014) дар давраи ҳисобит оварда мешавад. Дар сатри 015 маълумотҳои даромади биржа ва нархи манбаъҳои асосии он инъикос меёбад:

аз фаъолияти тиҷоратӣ фоизҳо аз хариду - фурӯши ҷойҳои брокерӣ ва аз фурӯши саҳмияҳо нисбат ба дигар манбаъҳо чун қоида низ вуҷуд доранд, ҷамъи сатри 016 то 019 метавонад нисбат ба сатри 015 камтар ё баробар бошад.

Хароҷоти мубодилот (сатри 020) дар сатрҳои 021=(120+120а),120б,121,122 шаҳр дода шудаанд ва ба ҷамъи ин сатрҳо баробар аст. Дар навбати худ дигар хароҷот (сатри 122) аз ҷамъи сатрҳои 123-ё127 таркиб меёбанд. Пулгузаронӣ ба буьет (сатр 128) ҷамъи сатрҳои 129-132 мебошад.

Фоида (+), зарар (-) - и биржа (133) натиҷаи ниҳоии фаъолияти биржа мебошад ва сарфи назар аз фарқияти фоида ва зарари биржа умуман дар давраи ҳисобот ҳисобу – китоб карда мешаванд.

Гардиши биржа ҳаҷми арзиши қарордодҳоро, ки дар як давраи муайяни вақту замон ба амал бароварда шудааст (давраи ҳисобот), ифода мекунад; ва бо нархҳои лаҳзаи имзои қарордодҳо ҳамчун арзиши ҳааҷм (бе андоз аз арзиши изофи) - ӣ молҳои фурӯхташуда (маҳсулот, қоғазҳои арзишнок, асъорҳо, ашёи ғайри манқул ва дигар арзишҳо) муайян карда мешавад.

Фасли як бо нишондиҳандаҳои «шумораи фурӯшҳои амалишуда» (сатри 138) дар давраи ҳисобот ба охир мерасад.

Фасли дуввум фаъолияти биржа ва сохтори қарордодҳои фурӯшро тавсиф мекунад. Дар сутуни «А»- и варақа гурӯҳҳои маҳсулоти молии таъиноти техникӣ-истеҳсолотӣ, молҳои истеъмолии халқ, қоғазҳои қиматнок, асъор, амволи ғайриманқул ва ғайра оварда мешаванд.

Номнависи тахминии мавод ва таҷҳизот, ки ба гурӯҳҳои алоҳида мансубанд,чунин аст:

-ба маҳсулоти металлургияи ранга ва сиёҳ (сатр 211) бояд чӯяни рехта ва дубора гудохташуда, прокати фулузоти сиёҳ, маснуоти минбаъда коркардашаванда, қубурҳои фузулӣ, конструксияҳо ва маҳсулоти фузулӣ, фузулоти ранга, прокат ва маснуот аз фузулоти ранга, оҳанпора ва партовҳои фулузоти сиёҳ ва ранга дохил карда мешаванд;

-ба махсулоти саноати химиявӣ (сатри 212) бояд дохил карда шаванд:газҳо (оксиген, нитроген, гидроген, хлори ангидриди карбон, амиаки синтетикӣ, газҳои инертӣ, аргон, омехтаҳои газҳо), кислотаҳо ва оксидҳо (кислотаи сулфат, кислотаи нитроген, кислотаи фосфор, кислотаи плавик, оксидҳо, кислотаҳои хлорӣ, пероксидҳо), содаи каустикӣ, электролитҳои ишқори намакҳо (натрий, хлорӣ, калсий ва дигарҳо), сорбентҳо ва дорандаҳои катализаторҳо (карбони техникӣ, дудаи сафед, ангишти фаъол, сулфоангишт), нуриҳои маъданӣ (нитрогенӣ, фосфорӣ, калий ва ғайра), филизоти сабук ва дигарҳо;

-ба маҳсулоти саноати нафту кимиё (сатр 213) бояд полимерҳо, массаҳои пластикӣ, наххо, риштаҳои кимиёӣ ва маснуот аз онҳо, каучукӣ, маснуот аз пласмасс, масолеҳи локу ранг, молҳои маишӣ-кимиёӣ, масолеҳи резинӣ-техникӣ ва ғайра.

-ба масолеҳи саноатӣ ҷангал ва чӯбу тахта (сатр 214) бояд дохил карда шаванд: чӯбу тахта, ҳезум барои гармкунӣ, маҳсулоти шпали, маснуоти чӯбу тахтаи сохтмонӣ, хонаҳои маъмулии чӯбин, тахтаҳои паркет ва маҷмӯи қисмҳо барои хонаҳои деворашон аз маводи маҳалии сохтмон, борҷомаҳои чӯбин ва қисмҳо барои онҳо, маснуоти чӯбин ва маводи чӯбин барои онҳо, маҳсулоти истеҳсоли фанерӣ (фанери ширешшуда, фона, тахтаҳои аз нахи чӯб истеҳсолшуда), маҳсулот аз фанер, фона, тахта гӯгирд ва мебел;

-ба масолеҳи сохтмонӣ (сатр 215) бояд дохил карда шаванд: маводи ғайримаъданӣ, пуркунандаҳои сурохчадор, маводи рӯйбаст ва роҳпӯшкунӣ аз санги табиӣ ва ғайра (карамзит, перлит ва аглополит, омехтаи шдгал, омехтаи асфалту бетон (омехтаи қиру шағол ва рег) сиреши асфалт, омехтаи қир, асбест, семент, гач, хишт, гачи хушки

андовакунӣ, варақаҳои гачу картонӣ, бӯр, орди оҳаксанг ва доломит, маводи иловагӣ ба семент, оҳак, тахтаҳои сафолӣ, қубурҳои сафолини канализатсия ва чоҳҳо, шифир, дастаҳои санитарию техникӣ, маводҳои garminigoҳдоранда ва рӯпушкунанда (пелонум,бомпушҳои нарм ва рӯпушкунанда), маснуоти асбесту сементӣ (шифер, қубурҳо ва пайвандҳои асбесту сементӣ ва ғайра, конструксияҳо ва қисмҳои васшавандаи оҳану бетонӣ, шишаҳои сохтмон (шишаи тиреза, хишти шишагини дарӯнхолӣ);
-ба маҳсулоти мошинсозӣ (сатри 216) бояд дохил карда шаванд: таҷҳизоти электротехникӣ, борбардору нақлиёти, электротехникӣ, дастгоҳҳои коркарди филизот, коркарди чӯбу тахта технология барои саноати сабук ва озуқаворӣ, барои истеҳсоли нахи кимиёӣ, таҷҳизоти ордкаши, корхонаҳои эму хӯроки омехтаи чорво, барои савдо, хӯроки умумӣ ва блокҳои ҳозимаи ғизо, таҷҳизоти тиббӣ, асбобҳо, таҷҳизоти технологӣ, маснуоти саноати автомобилӣ, маснуоти сохтмонӣ, саноати мошинсозӣ, роҳу коммуналӣ, қисмҳои эҳтиётӣ ва ҷузъиёт барои маснуоти мошинсозӣ;
-дар сатри 217 техникаи ҳисоббарорӣ нишон дода мешавад;
-ба воситаҳои нақлиёти (сатри 218) бояд дохил карда шаванд: автомобилҳои сабукрав, боркаш автобусҳо, троллейбусҳо ва ғайра. Автомобилҳои боркаш аз шумораи умумӣ ҷудо карда шуда, дар он чумла дар сатри 219 нишон дода мешаванд;
-ба техникаи кишоварзӣ (сатри 220) бояд дохил карда шаванд: тракторҳо, ҳамаи намудҳои комбайнҳои тухмипошакҳо, мошинҳои дарав, мошини даравi байни қатори дарахтон, мошини заминнармкунӣ; мошини ғаллатозакунӣ, дастгоҳҳои говҷӯши ва ғайра.

Бояд диққат дод, ки (сатри 210) маҳсулоти таъиноти саноатӣ – техникӣ аз ҷамъи сатрҳои то 231 бе сатрҳои 219 ва 223 иборат аст;
-ба молҳои истеъмолиихалқ бояд дохил карда шаванд: маҳсулоти кишоварзӣ ва озукаворӣ, молҳои саноати сабук; таиноти фарҳангию маишӣ ва хоҷагӣ, яъне сатри 232 «Молҳои истеъмолии халқ», аз ҷамъи сатрҳои 233,246,247, иборат аст. Аз онҳо сатри 233 ба ҷамъи сатрҳои аз 234 то 245, бе сатри 238, ки расм аз сатри 237 ҷудо карда шудааст.

Дар сатри 248 бояд дигар намудҳои маҳсулот, ки дар шакл ба ҳисоб гирифта нашуданд нишон дода шаванд.

Сатри ҷамъбастии200 аз ҷамъисатрҳои 210, 232, 248, 249, 250, 251, 252, 253, таркиб меёбад.

Дар сутунҳои «Б» ва «В» -и фасли II рамзҳои сатр ва воҳидҳои ченак оварда шудаанд, онҳоро риоя кардан зарур аст. Бояд диққат дод, ки дар сутуни В ба ҷои воҳиди ченак ва дар сутуни 2 ба ҷои нишондиҳандаи миқдории баъзе гурӯҳҳои молӣ, ки молҳои воҳидҳои гуногуни ченакро дар бар мегиранд, аломати «Х» истодааст. Ин молҳо танҳо бо мафҳуми арзишӣ бо ҳисоби сомонӣ (сатрҳои 200, 210, 214, 215, 225, 231, 232, 233, 246, 248, 250, 251, 252) ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Воҳидҳои ченаки асъор ба номи он мувофиқат мекунанд: доллари ИМА, марка, рубли русӣ ва ғайра, маблағашон дар сутуни 2 ҳамчун миқдор гузошта мешавад ва дар сутуни 3 маблағ бо сомонӣ нишон дода мешавад.

Дар сутунҳои аз 1 то 4 маълумот оиди бастани қарордоди хариду фурӯш ва фурӯши молҳо дар давраи ҳисобот оварда мешавад. Дар сутуни 1 миқдори қарордодҳои имзошудаи хариду фурӯш гузошта мешавад, дар сутуни 2 миқдори молҳое, ки оиди онҳо қарордоди хариду фурӯш бо мафҳумӣ молӣ, (натуралӣ) имзо шудаанд, бо воҳидҳои ченак, дар сутуни В нишон дода мешаванд. Дар сутуни 3 арзиши ин молҳо бо сомонӣ инъикос меёбад.

Дар сутуни маълумот оиди пешниҳоди савдои молҳои барои фурӯш, бо сомонӣ инъикос меёбад.

Агар биржа дар давраи ҳисобот доду гирифт нагузаронида бошаду вале қарордод оиди хариду фурӯши мол байни муштариён ва биржа ҳуҷҷати шуда бошаду биржа фоиз гирифта бошад, он гоҳ маълумоти сутуни 4 бамаълумоти сутуни 3 баробар мешавад.

Агар молҳои ба савдо пешниҳодшуда қасман фурӯхта шуда бошанд, он гоҳ маълумоти сутуни 4 аз маълумоти сутуни 3 маблағи молҳои фурӯхтанашуда зиёдтар хоҳанд шуд.

Маблағи молҳое, ки барояшон ба воситаи биржа қарордоди хариду фурӯши молҳо имзо шудааст, бояд ба гардиши биржа (сатри 136) мисли дигар молҳои фурӯхташуда баробар дохил карда шаванд. Номгӯи молҳо бояд дар фасли II «Сохтори қарордодҳо» дар сатрҳои дахлдор тибқи маълумотҳои дастурамал шарҳ дода шаванд. Фоизҳое, ки аз чунин қарордодҳое, биржа гирифтааст, бояд дар сатри 017 –и фасли 1 нишон дода шаванд.

Ҳисоботи тартиб додашударо роҳбари биржа ё хонаи савдо ва сармуҳосиб имзо мекунанд, дар поёнтар ному насаб ва рақами телефони иҷрокунандаи ҳисобот нишон дода мешавад.

Барои дурустии маълумот ва риояи мӯҳлати пешниҳод роҳбари биржа ё хонаи савдо ҷавобгар аст.